# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2026. - 40 саҳ.)**

Бо рушди босуръати техника ва технология, инчунин такомули минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар ҷомеа намудҳои нави ҷиноятгорӣ ва шаклҳои муосири содир намудани онҳо ба вуҷуд меоянд, ки қаблан барои башарият маълум набуданд. Ин раванд ба тағйирёбии муҳити иҷтимоӣ ва рақамигардонии ҳаёти инсон алоқаманд мебошад. Дар ин замина, густариши шабакаи глобалии Интернет ҳамчун як омили муҳими иҷтимоӣ-иттилоотӣ, боиси пайдоиши шаклҳои муосири худкушӣ ва моил кардан ба он гардидааст. Хусусияти фарқкунандаи чунин падидаҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо тавассути фазои маҷозӣ паҳн гардида, доираи васеи истифодабарандагонро фаро мегиранд.

Ҳамзамон, сатҳи густариш ва таъсири ин гуна рафторҳо мустақиман ба афзоиши шумораи истифодабарандагони фаъоли Интернет вобастагӣ дошта, бо мураккаб гардидани механизмҳои таъсиррасонӣ (аз қабили таъсири равонӣ, фишори гурӯҳӣ ва ҷалбкунии иттилоотӣ) тавсиф мешавад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мазкур дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти махсус пайдо намуда, зарурати такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои пешгирии чунин зуҳуротро ба миён мегузорад.

Илова бар ин, мавзуи таҳқиқ дорои аҳамияти назариявӣ ва илмии хос мебошад, зеро дар доираи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи танзими ҳуқуқии ҷиноятии расонидан ба худкушӣ то ба имрӯз ба таври комплексӣ ва системавӣ мавриди таҳқиқи фарогир қарор нагирифтааст. Норасоии таҳлилҳои амиқи илмӣ дар ин самт боиси мавҷудияти холигиҳои назариявӣ ва мушкилоти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал мегардад. Дар ин замина, таҳқиқоти мазкур ба бартараф намудани чунин холигии назариявӣ равона гардида, кӯшиш менамояд асосҳои илмии такмили танзими ҳуқуқии ин категорияи ҷиноятҳоро таҳким бахшад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои рушди минбаъдаи тадқиқоти соҳавӣ ва такмили қонунгузории миллӣ дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои вобаста ба расонидан ба худкушӣ хизмат намоянд.

Муҳаққиқ дар автореферат иброз намудааст, ки дар шумораи зиёди давлатҳои хориҷӣ, таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ, инчунин ба худкушӣ расонидани ноболиғон (хурдсолон) ва шахсони номукаллаф ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешаванд. Ин ҳолат аз гуногунрангии

равишҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва талоши давлатҳо ҷиҳати пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт шаҳодат медиҳад. Чунин тарзи таҳлил ва натиҷагирӣ мазмуни илмии таҳқиқотро ғанӣ гардонида, ҳамзамон аз истифодаи самараноки методи илмии муқоисавӣ-ҳуқуқӣ далолат менамояд, ки барои муайян намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ва татбиқи он дар қонунгузории миллӣ аҳамияти назаррас дорад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили муҳтавои автореферат имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур консепсияи мукаммали илмиро оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ ҶТ) ифода менамояд. Кори илмӣ бо фарогирии васеи паҳлуҳои таърихии ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва таҳқиқи муфассали бандубасти ҳуқуқии ҷинояти мазкур фарқ мекунад. Муаллиф тавонистааст унсурҳои таркиби ҷиноятро – объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективиро – дар пайвастагӣ бо мушкилоти муосири амалияи тафтишиву судӣ мавриди баррасии амиқи назариявӣ қарор диҳад.

Бо вуҷуди арзиши баланди назариявии таҳқиқот, дар муҳтавои автореферат баъзе масъалаҳои дорои хусусияти мубоҳисавӣ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, ҳангоми гузаронидани таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, аз қабили Босния ва Ҳерсеговина, Македонияи Шимолӣ, Ҷумҳурии Сербия ва Судон (саҳифаи 22), муаллиф танҳо бо шарҳи диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳдуд шудааст. Ба андешаи мо, ҷиҳати тақвияти ҷанбаҳои амалии кор ва муайян намудани самаранокии меъёрҳои мазкур, овардани мисолҳои мушаххас аз амалияи судию тафтишотии ин кишварҳо ба мақсад мувофиқ буд.

Сарфи назар аз мулоҳизаҳои зикршуда, бояд таъкид намуд, ки таҳқиқоти М.А. Саидзода дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» як кори мукаммал, пайгирона ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Муаллиф тавонистааст бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқи илмӣ ва муносибати эҷодкорона, заминаи амиқи назариявию меъёрии ин мавзуи ҳуқуқии ҷиноятиро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Кори мазкур дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ буда, пешниҳодҳои дар он ифодаёфта ҷиҳати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирии ин навъи ҷиноятҳо аҳамияти хос доранд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ, криминалистика ва
муқовимат ба коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қобилзода Б.Қ.

**Имзои Қобилзода Б.Қ-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.
30-юми марти соли 2026.

**Суроға:** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (734025, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1, Тел.: +992 (3422) 2-38-11, Факс: +992 (3422) 2-51-70, Email: Info@tsulbp.tj, htpp: // www.tsulbp.tj.